*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (735700, ш.Хуҷанд, мкр-н 17, бинои 1)*

**ТАҚРИЗИ**

**мушовири илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифзода Муъмин Машокир ба диссертатсияи Маҳмадалӣ Бахтиёр Набӣ дар мавзуи "Такмили танзими омили экологӣ дар таъмини рушди устувори минтақа: назария ва амалия" барои дарёфти дарачаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

Маҳмадалӣ Бахтиёр Набӣ 24 феврали соли 1971 таваллуд шудааст, миллаташ точик, шаҳрванди Ҷумҳурии Точикистон. Соли 1993 Донишгоҳи давлатии Ростови лаби Дон ба номи М.А. Сусловй (дорандаи ордени Байраки Сурхи Меҳнат) Федератсияи Россияро хатм намудааст. Профессори фахрии Донишкадаи муҳити зист ва захираҳои шаҳри Ланчоу (аз 26.04.2021), иқтисоддони соҳаи саноати миллӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент.

Дар баробари навиштани рисолаи докторӣ Маҳмадалӣ Б.Н. дар кори конференсияҳои илмиву амалии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ фаъолона иштирок намуда, ҳамзамон дар семинари илмӣ-назариявии донишгоҳ мунтазам маърӯза намудааст. Дар раванди таҳқиқоти илмӣ дар самти мавзуи рисолаи докторӣ аз ҷониби докторант 5 монографияи илмӣ, 29 мақолаи илмӣ омода ва нашр гардидааст, ки аз он 14-тояш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расидааст.

Дар ҷараёни иҷрои кори илмӣ-таҳқиқотӣ докторант худро ҳамчун тадқиқотчии тахассусманд нишон дода, дорои қобилияти баланди илмӣ буданашро собит намуд.

Муҳтавои рисолаи докторӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар раванди кор докторант асарҳои асосиву бунёдии олимони иқтисодчии маъруфро омӯхта, аз маводҳои васеи омории сарчашмаҳои гуногуни илмӣ истифода намудааст.

Диссертатсияи Маҳмадалӣ Бахтиёр Набӣ ба тадқиқи муаммои муҳими иқтисодиёти экологӣ  дар низоми омилҳои рушди иқтисодиёти минтақа бахшида шудааст, ки то имрӯз яке аз масъалаҳои мубрам дар иқтисодиёти минтақа ба ҳисоб меравад.

Дар рисолаи докторӣ асосҳои назариявию илмии рушди соҳаҳои иқтисодӣ – иҷтимоии минтақа таҳлил карда шуда, мафҳуми иқтисодиёти экологии минтақа ба таври мушаххас маънидод гардидааст. Ба муаллиф муяссар гардидааст, ки ҷанбаҳои зарурӣ ва амсилаи асосии иқтисодиёти экологии минтақаро баён намояд.

Маҳмадалӣ Бахтиёр Набӣ исбот намудааст, ки низоми экологии минтақа хос аст, зеро дар шароити имрӯза баланд бардоштани низоми экологӣ ба ҳаёти аҳолӣ тавассути истифодаи самараноки иқтидори захиравии минтақа бо мақсади баланд бардоштани худтаъминкунӣ, истифодаи захираҳои худ ва рақобатпазирии онҳо барои рушди минтақаҳо нақши асосӣ мебозад.

Ба докторант муяссар гардидааст, ки моделиронии низоми экологии иқтисодии рушди минтақаро коркард намуда, самтҳои афзалиятнок истифодабарии онро, ки ҳанӯз аз даврони шӯравӣ боқӣ мондаанд, пешниҳод намудааст.

Асосҳои назариявӣ, пешниҳоду хулосаҳое, ки аз ҷониби Маҳмадалӣ Бахтиёр Набӣ коркард шудаанд, минбаъд дар омодасозии нақшаву барномаҳои стратегии рушди иқтисодӣ – иҷтимоии минтақа метавон истифода бурд.

Дар маҷмуъ, Маҳмадалӣ Б.Н.-ро ҳамчун мутахассиси ташаккулёфта, дорои қобилияти мустақилона баррасӣ намудани муаммоҳои илмӣ ва иҷрои кори илмӣ-тадқиқотӣ муаррифӣ намудан мумкин аст. Мазмун ва мундариҷаи рисолаи докторӣ, арзиши илмии он ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат менамояд, аз ҷумла: банди 3.1. Инкишофи назарияҳои иқтисодиёти маконӣ ва минтақавӣ; усулҳо ва

фишангҳои тадқиқотҳои иқтисодии маконӣ; эконометрикаи қаламравӣ; ташхиси низомии мушкилотҳо ва ҳолатҳои минтақавӣ. 3.5. Дигаргуниҳои қаламравӣ-минтақавӣ; муаммоҳои таъсисёбии муҳити ягонаи иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; фарқгузории минтақавии иҷтимоӣ-иқтисодӣ; ҳамгироии маконӣ ва дезинтегратсияи мамлакат. 3.17. Муҳити махсуси иқтисодӣ-ҳуқуқии тараққиёти маҳаллӣ ва минтақавӣ. 3.18. Ташкил ва баҳодиҳии самаранокии фаъолияти мақомоти ҳокимияти идоракунӣ дар вилоятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ноҳияҳои маъмурӣ; истифодаи чунин баҳодиҳӣ дар низоми идоракунӣ ва назорати давлатӣ.

Диссертатсияи Махмадалӣ Бахтиёр Набӣ ҳамчун таҳқиқоти илмии баитмомрасида ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати рисолаҳои докторӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ҷавобгӯӣ мебошад ва муаллифи онро барои соҳиб гаштан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси зикргардида сазовор донистан мумкин аст.

**Мушовири илмӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,**
**бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Шарифзода М.М.**

*Суроға:735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*Вилояти Суғд, ш.Хуҷанд, мкр-и 17, бинои 1,*
*Тел:+7992(38422)2-38-11,7992(38422)2-35-94*

Имзои д.и.и., профессор Шарифзода М.М.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДҲБСТ Мирпочоев И.Ҳ.

“03” 03 2022